Date Printed: 11/06/2008

| | |
|---|---|
| JTS Box Number: | IFES_12 |
| Tab Number: | 11 |
| Document Title: | Brochure, 50 Questions and Answers about Elections (1999) |
| Document Date: | 2002 |
| Document Country: | Tajikistan |
| IFES ID: | R01882 |

*93604E8F-C4FC-4A65-88F7-AC6FE0306541*

**International Foundation for Election Systems (IFES)**

**Final Project Report**
**REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
**October 1, 1997 – September 30, 2002**
**USAID Cooperative Agreement EE-A-00-97-00034-00**

Brochure "50 Questions and Answers about Elections"
(December 1999) (in Russian and Tajik)

Муаллиф М. Болтуев.
Муҳаррири масъул У. Солеҳ.

Дастури мазкур дар асоси суолу пурсишҳое, ки ҳамин шабу рӯз, яъне арафаи интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ оммаи васеи мардум ба он таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд, мураттаб гардидааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба ҳамаи суолҳо аз Конститутсияи мамлакат, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" ва натиҷаи фаъолияти Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар шакли хеле ҷолиб ва хонданӣ посух бидиҳад.

(Ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ)

© Нашриёти "Паёми Сомониён", 2000

Агентии ШМА оид ба Тараккиёти Байналмилалӣ

Маркази Ҳуқуқ ва Демократия

Фонди Байналмилалии оид ба Системаҳои Интихобот

Дӯстони азиз,

***Агентии ШМА оид ба тараққиёти байналмилалӣ, Фонди байналмилалӣ оид ба системаҳои интихобот ва Маркази ҳуқуқ ва демократия*** ифтихор доранд, ин китобчаро, ки коршиносони Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додаанд, ба Шумоён муаррифӣ намоянд.

Мо бовар дорем, ки ин китобча на танҳо барои номзадҳо ба вакилӣ, намояндагони аҳзоби мухталифи сиёсӣ, балки барои доираи васеи хонандагоне ҳам басо муфид хоҳад буд, ки ба масъалаҳои гузаронидани интихоботи озод, софдилонаю одилона ва демократӣ, ки кафили сулҳ ва устуворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, марок доранд.

Суолу чавоб

**С. Парламенти думаҷлиса ё Маҷлиси дупалатагӣ барои Тоҷикистон чӣ зарурат дошт?**

**Ҷ.**Ташкили Маҷлиси дупалатагӣ тибқи Созишномаи баимзорасидаи сулҳи миёни тоҷикон аз таърихи 27 июни соли 1997 дар назар дошта шудааст. Ҳарчанд, ки ташкили парламенти касбӣ барои ҷумҳурии мо хароҷоти зиёдро тақозо мекунад, лекин езиденти мамлакат ба хотири сулҳу субот ва ризоияти миллӣ ба ин амр розӣ шуд.

**С. Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихобот ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" кай қабул шудааст?**

**Ҷ.** Қонунҳои мазкур дар иҷлосияи понздаҳуми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 декабри соли 1999 қабул гардид.

**С. Оё қонунҳои мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад?**

**Ҷ.** Не, зеро дар бораи ташкили Маҷлиси дупалатаӣ, ки Маҷлиси



намояндагони Маҷлиси Олӣ дар асоси касбӣ бояд фаъолият намояд, ба Конститутсия дар асоси раъйпурсии умумихалқӣ 26 сентябри соли 1999 тағйирот ворид шуд. Салоҳият ва тарзи фаъолияти ҳарду Маҷлис дар он зикр ёфтааст.

**С. Маҷлиси Олӣ чӣ гуна Маҷлис аст?**

**Ҷ.** Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду Маҷлис – Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ иборат аст. Ҳардуи ин маҷлисҳо агар дар якҷоягӣ маҷлис гузаронанд, онро Маҷлиси Олӣ мегӯянд.

**С. Маҷлиси намояндагон чӣ гуна маҷлис аст?**

**Ҷ.** Маҷлиси намояндагон ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешавад ва аз 63 вакил иборат буда, дар асосҳои касбӣ фаъолият мекунад.

**С. Интихобот ба Маҷлиси намояндагон кай сурат мегирад?**

**Ҷ.** Интихоботи Маҷлиси Олиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Тибқи таъйинот интихобот ба Маҷлиси намояндагон рӯзи 27 феврали соли 2000 сурат мегирад. Дар ҳамин рӯз интихоботи маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ низ барпо мегардад.

**С. Маҷлиси намояндагон чӣ салоҳият дорад?**

Ҷ. Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис медиҳад. Лоиҳаи қонунҳоро ба муҳокимаи халқ пешниҳод мекунад. Барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро тасдиқ мекунад. Ба додугирифти қарзи давлатӣ ризоият медиҳад. Райъпурсӣ таъйин мекунад. Судҳоро таъсис медиҳад. Рамзҳои давлатӣ, мукофотҳои давлатӣ, фармонҳои Президентро тасдиқ мекунад, рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ ва ғайраро муайян мекунад.

**С. Салоҳияти Маҷлиси миллӣ аз чӣ иборат аст?**

Ҷ. Воҳидҳои марзиву маъмуриро таъсису барҳам ва тағйир медиҳад. Раисону муовинони Судҳои конститутсионӣ, Олӣ ва Олии иқтисодиро бо пешниҳоди Президент интихобу бозхонд мекунад. Таъину бозхонди прокурори генералӣ ва муовинони ӯро ризоият медиҳад.

**С. Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар кадом ҳолат маҷлисҳои якҷоя мегузаронанд?**

Ҷ. Ҳангоми савганду истеъфо ва шунидани паёмҳои Президент;

Суханрониҳои роҳбарони давлатҳои хориҷӣ; Тасдиқи фармонҳои Президент дар бораи ҷорӣ кардани ҳолати ҷанг ва вазъияти



фавқулодда;

Ризоит ба фармонҳои Президент дар бораи истифодаи қувваҳои ҳарбии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар;

Тасдиқи фармонҳои Президент дар бораи таъйини сарвазир, муовинони ӯ ва аъзоёни ҳукумат;

Таъйин кардани маошу дахлнопазирии Президент ва интихоботи ӯ;

**С. Маҷлиси миллӣ аз чанд вакил иборат аст?**

Ҷ. Аъзои Маҷлиси миллӣ аз 33 нафар иборат мешавад, ки тибқи қонун 8 нафари онро Президент таъйин мекунад.

**С. Интихобот ба Маҷлиси миллӣ кай сурат мегирад?**

Ҷ. Интихоботро ба Маҷлиси миллӣ Президенти мамлакат дар рӯзи 23 марти соли 2000-ум муайян кардааст.

**С. Вакилони Маҷлиси миллӣ чӣ гуна интихоб мешаванд?**

Ҷ. Вакилони Маҷлиси миллиро аъзои Маҷлиси миллӣ мегӯянд. Дар баъзе кишварҳо онҳоро узви сенат мегӯянд. Барои аъзои Маҷлиси миллӣ квотаи ҳудудӣ муқаррар шудааст. Яъне аз ҳар вилоят 5-нафарӣ ва аз навоҳии тобеи марказу шаҳри Душанбе ҳам 5 нафарӣ намояндаҳоро

вакилони халқи шаҳру навоҳӣ ва вилоятҳо интихоб мекунанд. Вакилони халқи шаҳру навоҳӣ вакилонро дар маҷлисҳои худ интихоб мекунанд ва боз дар вилоят маҷлиси вилоятӣ интихобот мегузаронад.

**С. Чӣ гуна интихоботро интихоботи бевосита ё бавосита мегӯянд?**

**Ҷ.** Интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳаллӣ интихоботи бевосита мебошад. Зеро онҳоро тамоми ашхоси ҳуқуқи овоздиҳӣ дошта интихоб мекунанд. Интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ бошад, интихоботи бавосита ҳисоб мееёбад, зеро онҳоро танҳо вакилони маҷлисҳои маҳаллӣ интихоб мекунанд ва Президенти мамлакат таъйин менамояд.

**С. Киҳо ҳуқуқи ба Маҷлиси миллӣ интихоб шудан доранд?**

**Ҷ.** Ба Маҷлиси миллӣ ашхосе интихоб ва аъзо мешаванд, ки маълумоти олӣ дошта аз 35 сола боло ва 7 соли охир сокини Тоҷикистон бошанд. Ғайр аз ин ҳар кадом президенти собиқи ҷумҳурӣ узви Маҷлиси миллӣ мебошад, агар инро худаш хоҳад.

**С. Киҳо ҳуқуқи ба Маҷлиси миллӣ интихоб ва таъйин шудан надоранд?**

**Ҷ.** Аъзои ҳукумат, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ



чунин ҳуқуқро надоранд. Дар як вақт узви Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон будан мумкин нест. Узви Маҷлиси миллӣ вакили зиёда аз ду мақоми намояндагӣ буда наметавонад.

**С. Маҷлиси миллӣ чӣ гуна фаъолият мекунад?**

**Ҷ.** Фаъолияти он дар шакли иҷлосия соле на камтар аз ду бор бо даъвати Раиси Маҷлиси миллӣ сурат мегирад.

**С. Иҷлосияҳои нахустини Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон чӣ гуна даъват мешаванд ва онҳоро кӣ мебарад?**

**Ҷ.** Иҷлосияҳои нахустини маҷлисҳоро Президент даъват мекунад ва вакили синну солаш калонтарин онро мекушояд ва то интихоби раисони Маҷлисҳо онро мебарад.

**С. Парлумони касбӣ, яъне Маҷлиси намояндагон оё тамоми сол ҷаласа мегузаронад?**

**Ҷ.** Иҷлосияи аввалини Маҷлиси намояндагон дар як сол як бор аз рӯзи аввали кории моҳи октябр то рӯзи охирини кории моҳи июн гузаронда мешавад. Се моҳи дигар вакилон ба корҳои дигар машғул мешаванд ва ба таътил мебароянд.

**С. Киҳо ҳуқуқи ба Маҷлиси намояндагон интихоб кардан ва интихоб**

шудан доранд?

**Ҷ.** Шахсоне, ки ба синни 18 расидаанд ҳуқуқи интихоб кардан доранд. Шахсони аз 25-сола боло ва 5 соли охир сокини Тоҷикистон буда, ҳақи ба Маҷлиси намояндагон интихоб шудан доранд.

**С. Киҳо ҳақи овоздиҳӣ надоранд?**

**Ҷ.** Шахсоне, ки суд онҳоро ғайри қобили амал донистааст ё бо ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот иштирок кардан надоранд.

**С. Номзадҳоро ба Маҷлиси намояндагон киҳо пешбарӣ мекунанд?**

**Ҷ.** Бояд гуфт, ки то қабули қонуни нав номзадҳоро коллективҳои меҳнатӣ пешбарӣ мекарданд. Ҳоло бошад бо қабули қонуни нав ҳар шахс метавонад номзадии худро ба мақомоти намояндагӣ (Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии вакилони халқ) пешбарӣ намояд. Ғайр аз ин ҳизбҳои сиёсӣ ҳам метавонанд номзадҳои худро пешниҳод кунанд.

**С. Ман мехоҳам, ки депутат шавам. Барои ин бояд чӣ кор кунам?**

**Ҷ.** Агар бо роҳи худпешбарӣ вакил шуданӣ бошед, аввал ариза менависед. Дар он розигии худро нишон медиҳед. Дар бораи



қатъи фаъолияти худ ҳам маълумот медиҳед; Боз маълумот дар бораи тарҷумаи ҳол; Маълумот дар бораи манбаъ ва ҳаҷми даромади номзад; маълумот дар бораи амволи (моликияти) номзад; ва ҳуҷҷатҳои дигари дар қонун пешбинишударо манзур мекунед.

Дар сурати аз тарафи ягон ҳизб ба рӯйхати ҳизбӣ пешбарӣ шуда бошед, протокол бо қарори анҷумани (конференсияи) ҳизбӣ, пленуми (конференсияи) мақомоти шаҳрӣ ва ноҳиявии ҳизби сиёсӣ дар бораи пешниҳоди номзад(рӯйхати номзадҳо); қарори мақомоти маҳаллии намояндагӣ дар бораи пешниҳоди номзадро низ пешниҳод мекунад.

Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳоро ба комиссияи дахлдори интихобот месупоред ва дар сурати дуруст будани онҳо ба шумо варақаи имзоҷамъкунӣ медиҳанд.

Дар сурати худпешбарӣ номзад бояд 500 имзо (барои вакил шудан дар Маҷлиси намояндагон ва барои вакили маҷлиси вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ 100 имзо) ҷамъ кунад.

Агар аз тарафи ҳизб дар ҳавзаи якмандата ва бо рӯйхати ҳизбӣ пешбарӣ шуда бошед, имзо ҷамъ намекунед.

Дурустии имзоҳоро комиссияи

дахлдори интихобот месанчад.

Агар имзохо аз се фоиз зиёд нодуруст бошанд, бақайдгирии номзад рад карда мешавад.

**С. Аз теъдоди умумӣ, яъне 63 нафар вакили Маҷлиси намояндагон чанд нафар бо роҳи якмандата ва чанд вакил тибқи рӯйхатҳои ҳизбӣ интихоб мешаванд?**

**Ҷ.** Аз 63 вакил 41 нафараш бо роҳи ҳавзаҳои якмандата ва 22 нафари боқимонда бо роҳи пешниҳоди рӯйхатҳои ҳизбӣ вакил интихоб мешаванд.

**С. Дар ҷумҳурӣ чанд ҳавзаи якмандата таъсис дода шудааст?**

**Ҷ.** Дар саросари ҷумҳурӣ мувофиқи теъдоди вакилон 41 ҳавзаи якмандата созмон дода шудааст.

**С. Барои интихобкунандаҳо чанд бюллетени овоздиҳӣ пешниҳод карда мешавад?**

**Ҷ.** Барои овоздиҳӣ ба номзадҳои вакилони Маҷлиси намояндагон ду бюллетен пешниҳод мешавад. Дар яке он номи ҳизбҳо навишта мешавад, дар дигараш номи номзадҳои аз ҳавзаҳои якмандата пешниҳодшуда аз рӯи алифбо.

**С. Рӯйхати ҳизбӣ, яъне ҳамон 22 нафар ҳам аз рӯи алифбо навишта мешаванд?**



**Ҷ.** Не. Ҳангоми навиштани номи номзадҳои ҳизбӣ маъруфият, обрӯ, таҷриба ва дигар омилҳо ба назар гирифта мешавад. Тартиби онҳоро раиси ҳизб муқаррар мекунад.

**С. Ҳавзаҳои интихоботро кӣ ташкил мекунад?**

**Ҷ.** Онро Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҷумҳурӣ ташкил мекунад ва дар матбуот чоп мешавад. Аз рӯи қонун то 17 декабри соли 1999 бояд ин кор анҷом дода шавад. Мутобиқи он як ҳавзаи умумиҷумҳуриявӣ ва 41 ҳавзаи якмандата таъсис ёфтааст.

**С. Комиссияи ҳавзавии интихоботро ба Маҷлиси намояндагон кӣ ташкил медиҳад?**

**Ҷ.** Онро Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҷумҳурии Тоҷикистон то 29 декабри соли 1999 созмон медиҳад. Участкаҳои интихоботро бошад то 5 январи соли 2000-ум комиссияҳои ҳавзавӣ ташкил медиҳанд. То 13 январ комиссияҳои участкавӣ таъсис дода мешаванд.

**С. Пешбарии номзадҳо кай шурӯъ мешавад?**

**Ҷ.** Пешбарии номзадҳо ба Маҷлиси намояндагон оид ба ҳавзаи умумиҷумҳуриявӣ аз 11 декабри соли 1999

огоз ёфта то 12 январи соли 2000-ум давом мекунад ва дар ҳавзаҳои якмандатӣ аз 29 декабри соли 1999 огоз ёфта то 12 январи соли 2000-ум идома меёбад. Дар маҷлисҳои маҳаллӣ бошад, рӯзҳои 8-22 январи соли 2000-ум сурат мегирад.

**С. Бақайдгирии номзадҳо кай огоз меёбад?**

**Ҷ.** Бақайдгирии номзадҳои вакилони Маҷлиси намояндагон аз 13 январ огоз ёфта то 6 феврали соли 2000-ум давом мекунад.

**С. Оё рӯйхати номзадҳо дар матбуот чоп мешавад?**

**Ҷ.** Бале. Рӯйхати номзадҳо аз ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҷумҳурӣ баъди 8 рӯзи ба қайд гирифтанашон дар матбуот чоп карда мешавад. Комиссияи дахлдори интихобот дар давоми як ҳафтаи баъди бақйдгирии номзадҳо дар ҳавзаҳои интихоботии якмандата оид ба қайд гирифтани онҳо дар матбуот маълумот чоп мекунад. Рӯйхати умумии онҳо бошад 15 рӯз пеш аз интихобот интишор меёбад.

**С. Комиссияҳои участкавӣ кай бо бюллетенҳои овоздиҳӣ таъмин карда мешаванд?**

**Ҷ.** Бюллетенҳои овоздиҳӣ на дертар аз



ду рӯз то интихобот ба комиссияҳои участкавӣ расонда мешаванд.

**С. Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҷумҳурӣ чанд нафар аъзо ва дастгоҳи он чанд нафар корманд дорад?**

**Ҷ.** Комиссияи мазкур аз Раис, муовин ва 13 нафар аъзо иборат аст. Аз ин ҷо фақат Раис маошхӯр буда, боқӣ 13 нафар аъзо ва муовинони Раис дар асосҳои ҷамъиятӣ фаъолият мекунанд. Дастгоҳи он ҳамагӣ 4 нафар мутахассис дорад. Қариб 30 дар сади аъзои Комиссия аз ҷумлаи иттиҳоди мухолифин мебошанд.

**С. Дар ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ ҳам намояндагони мухолифин ҳастанд?**

**Ҷ.** Бале, тибқи мувофиқае, ки миёни Э. Раҳмонов ва С. Нурӣ ба даст омада буд, дар комиссияҳои маҳаллии интихобот низ 20 дар сад ҷонибдорони мухолифин шомил шуданд.

**С. Оё барои интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ комиссияҳо созмон дода мешаванд?**

**Ҷ.** Чуноне дар як суоли боло гуфтем ҷумҳурӣ шартан ба 5 минтақа тақсим шудааст, ки мутобиқи он дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои ҷумҳурӣ, шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеи марказ 5 ҳавза созмон меёбад. Комиссияҳои

он аз раису муовин, котиб ва 8 нафар аъзо иборат аст.

**С. Комиссияҳои ҳавзавии интихоботи Маҷлиси намояндагон чӣ?**

Ҷ. Онҳо аз раису муовин, котиб ва 6 нафар аъзо иборат ҳастанд.

**С. Комиссияҳои участкавӣ аз чанд нафар иборатанд?**

Ҷ. Ин комиссияҳо танҳо дар интихоботи Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳаллӣ ташкил меёбад ва 45 рӯз пеш аз интихобот дар ҳайати на кам аз 5 ва на зиёда аз 19 нафар таъсис дода мешаванд.

**С. Киҳо аъзои комиссияи интихобот мешаванд?**

Ҷ. Ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқи узви комиссия шудан доранд, ба ғайр аз номзадҳои аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон, судяҳо, прокурорҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шахсони боэътимоди номзадҳо. Як нафар узви фақат як комиссия буда метавонад.

**С. Узви комиссияҳои интихобот дар давраи тайёрӣ ва гузарондани интихобот аз иҷрои вазифаҳояшон озод буда метавонанд?**

Ҷ. Бале. Дар ин сурат музди миёнаи корашон аз ҳисоби маблағе, ки барои гузарондани интихобот ҷудо мегардад,



пардохта хоҳад шуд.

**С. Дар мавриди қонуншикании комиссияҳои интихоботӣ оё ба суд мурочиат кардан мумкин аст?**

Ҷ. Албатта, дар ин бора дар давоми 10 рӯз ҳам ба суд ва ҳам ба комиссияи болоии интихобот мурочиат кардан мумкин аст.

**С. Участкаҳо ва ҳавзаҳои интихоботӣ бо назардошти чанд нафар интихобкунанда созмон дода мешаванд?**

Ҷ. Дар маҳалҳое, ки на камтар аз 20 ва на зиёдтар аз 3000 нафар интихобкунанда доранд, участкаҳои интихоботӣ ташкил кардан мумкин аст. Ҳавзаҳои интихоботӣ дар ҳудуди 70 ҳазор интихобкунанда созмон дода мешавад.

**С. Интихобкунандагоне, ки дар хориҷи кишвар ҳастанд, участкаи интихоботӣ ташкил карда метавонанд?**

Ҷ. Бале, онҳо участкаи интихоботӣ ташкил мекунанд ва ин участкаҳо бо қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ба яке аз ҳавзаҳои шаҳри Душанбе тобеъ карда мешаванд.

**С. Оё ходимони ташкилотҳои динӣ ҳуқуқи номзад ба вакилӣ доранд?**

Ҷ. Агар ходимони касбии ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ дар ягон вазифаи

марбута (динӣ) бошанд, чунин ҳуқуқро надоранд.

**С. Оё номзадҳои бақайд гирифта ягон ҳуқуқ ё имтиёз доранд?**

**Ҷ.** Номзадҳо бо ариза ба мақомоти корхона дар бораи аз кор озод кардан муроҷиат мекунанд. Дар ин ҳолат музди миёнаи меҳнати онҳо аз ҳисоби ҳамон ташкилот новобаста аз шакли моликият пардохта мешавад. Аз нақлиёти ҷамъиятӣ (ба ғайри такси) бепул истифода мебаранд. Дар ин давра бе розигии номзад ӯро аз кор сабукдӯш кардан мумкин нест. Ӯро ба ҷавобгарӣ кашидан, ҳабс кардан мумкин нест. Ин амал бо розигии Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бояд сурат гирад. Агар ҳангоми ҷиноят дастгир шавад, мумкин аст.

**С. Номзад барномаи худро чӣ гуна таблиғ мекунад?**

**Ҷ.** Ҳамаи номзадҳо дар асосҳои баробар метавонанд аз тариқи радио, телевизион ва матбуот барномаҳои худро ба мардум фаҳмонанд. Барномаи онҳо набояд хилофи Конститутсияи Ҷумҳурӣ бошад.

**С. Номзадҳо чанд нафарӣ шахсони боэътимод гирифта метавонанд?**

**Ҷ.** Номзадҳои аз ҳавзаҳои якмандата



пешбаришуда то 5 нафар, ҳизбҳои сиёсӣ бошанд то 15 нафар шахсони боэътимод дошта метавонанд.

**С. Оё шахсони боэътимод ҳангоми ҳисоби овозҳо иштирок карда метавонанд?**

**Ҷ.** Бале, онҳо чунин ҳуқуқро доранд. Аммо набояд ба кори комиссияҳо дахолат намоянд.

**С. Аъзои комиссияҳои интихоботӣ дар ташвиқоти пешазинтихоботӣ иштирок карда метавонанд?**

**Ҷ.** Аъзои комиссияҳои интихоботӣ ҳамчунин ташкилотҳои динӣ, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ дар ташвиқотҳои пешазинтихоботӣ иштирок карда наметавонанд. Дар ин кор давлатҳои хориҷӣ, намояндагони онҳо, шахсони бетабаа низ ширкат дошта наметавонанд.

**С. Бюллетенро чӣ гуна хат мезананд?**

**Ҷ.** Дар бюллетени ҳавзаҳои якмандата номи ду ва зиёда номзад навишта шудааст. Шахсеро, ки ба тарафдориаш овоз медиҳед, монда номи дигаронро хат мезанед. Рӯйхати ҳизбиро ҳам ҳамин хел пур мекунед. Яъне ба истиснои ҳизбе, ки ҷонибдорӣ мекунед, дигар ҳамаашро хат мезанед.

**С. Дар кадом маврид ба ҷои дигарон овоз додан мумкин аст?**

Ҷ. Ҳар шахс бояд худаш овоз диҳад. Ба ҷои дигарон овоз додан мумкин нест. Шахсе ки бюллетенро мустақилона пур карда наметавонад, метавонад бо салоҳдиди худ ягон шахси холисро, ғайр аз аъзои комиссияи интихобот, нозирон, намояндагони васоити ахбори омма ба дохили ғурфа даъват кунад ва иродаи худро изҳор намояд ва он шахс ба ӯ ҷиҳати пур кардани бюллетен кӯмак расонад. Овоздиҳӣ аз соати 6-и субҳ то 20-и шом сурат мегирад. Барои ашхоси бемор қуттиҳои сайёр мебаранд.

**С. Ҳисоби бюллетенҳо чӣ гуна сурат мегирад?**

Ҷ. Ин амал ҳатман баъди хатми овоздиҳӣ оғоз мeёбад. Қабл аз ин дар ҳузури нозирон бюллетенҳои истифоданашударо аз ҳисоб мебароранд ва қисми рости поёни онро мебуранд. Дар ин ҳолат ба истиснои раису котиб дигарон ҳақ надоранд, ки воситаи хатнависӣ дошта бошанд. Бюллетенҳое, ки зиёда аз як номзад ё ҳизб ё ҳамаашон боқӣ мондааст, беэътибор дониста мешавад. Бояд 2 нусха протокол тартиб дода шавад. Яктои он ба комиссияи болоӣ фиристода шуда, дигараш дар дасти котиби ҳамин комиссия то анҷоми фаъолияташ мемонад.

**С. Кадом номзад интихобшуда ҳисоб меёбад?**

Ҷ. Дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот агар номзаде, ки беш аз 50 фоизи овозҳоро гирифта бошад, интихобшуда ҳисоб меёбад.

**С. Мандати вакилӣ аз рӯи рӯйхати аҳзоб чӣ гуна ҳисоб карда мешавад?**

Ҷ. Агар ҳизбе, ки камтар аз 5 фоизи овозҳоро гирифта бошад, аз гирифтани мандати вакилӣ маҳрум мешавад. Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ маҷмӯи умумии овозҳои интихобкунандаҳоро ба 22 (квотаи ҳизбҳо) тақсим мекунад. Натиҷаи он шумораи овозҳоест, ки барои як мандат лозим аст. Баъд миқдори овозҳои ҳар кадом ҳизб гирифта боз ба ин шумора тақсим карда мешавад. Натиҷаи он шумораи мандати вакилоне мебошад, ки он ҳизб соҳиб шудааст. Агар боз мандатҳои тақсимнашуда боқӣ монад онҳо дуюмбора тақсим карда мешаванд. Мандатҳои тақсимнашуда яктоӣ ба аҳзоби сиёсие дода мешавад, ки бақияи овози гирифтаи онҳо зиёд аст.

**С. Натиҷаи ниҳоии интихоботи Маҷлиси намояндагон кай дар матбуот чоп мешавад?**

Ҷ. Натиҷаҳои интихобот ва рӯйхати вакилони интихобшуда на дертар аз 12 марти

соли 2000-ум дар матбуот ба нашр мерасанд.

**С. Дар кадом ҳолат интихоботи такрорӣ гузаронда мешавад?**

**Ҷ.** Агар ду ва зиёда нафар дар як ҳавза номзад пешбарӣ шуда, ҳеҷ кадоми онҳо миқдори зарурии овозҳоро нагирифта бошад, бо супориши Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар ҳамон ҳавза баъди ду моҳ такроран интихобот гузаронда мешавад.

**С. Ваколати вакилии вакил чӣ гуна тасдиқ мегардад?**

**Ҷ.** Комиссияи ҳавзавии интихобот ба ҳар вакили интихобшуда, ки номаш дар матбуот чоп шуда, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ӯро ба қайд гирифтааст, шаҳодатнома медиҳад. Ва пас аз он ки ваколати онҳо аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ тасдиқ мегардад, комиссияи мазкур ба онҳо шаҳодатномаи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагонро медиҳад.

**С. Маҷлиси Олӣ дар кадом ҳолат пароканда шуданаш мумкин аст?**

**Ҷ.** Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ метавонад пеш аз мӯҳлат бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзо ва вакилон



ихтиёран пароканда шавад. Лекин бояд гуфт, ки чунин як парокандашавӣ ба манфиати кор, ба фоидаи мардум, пешрафти ҷомеа нахоҳад шуд. Зеро он ташвишҳои иловагӣ, сарфи маблағҳои барзиёд ва масруфияти дигари одамонро талаб мекунад.

**С. Аз Маҷлиси Олии нав чиро интизор ҳастед?**

**Ҷ.** Бовар ва эътимодам ҳамчун шаҳрванди ҷумҳурӣ бар он аст, ки ниҳоли парвардаи демократия дар Тоҷикистони азизи мову Шумо меваҳои ширине ба бор меорад ва мардум аз он бархурдор мешаваду дар амри хайри эъмори давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд саҳми чашмгире мегузоранд ва ояндаи Ватанро шукуфон мегардонанд.

**ЦЕНТРАЛЬНАЯ КОМИССИЯ ПО ВЫБОРАМ И РЕФЕРЕНДУМАМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# 50 ВОПРОСОВ И ОТВЕТОВ О ВЫБОРАХ

**(Круглый стол для избирателей и избираемых)**

**Душанбе - 2000 г.**



Автор М.Болтуев
Ответственный редактор У. Солех

Данное пособие подготовлено на основе тех вопросов, на которые в эти дни, то есть в канун выборов Маджлиси Оли и местных Маджлисов обращено внимание большинства населения республики. Автор старается в доступной и привлекательной форме ответить на все вопросы по Конституции страны, Конституционных законов “О выборах Маджлиси Оли Республики Таджикистан”, “О выборах депутатов в местные маджлисы народных депутатов” и по результатам деятельности Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан.

Агенство США по Международному Развитию

Центр Право и Демократию

Международный Фонд Избирательных Систем

Дорогие друзья,

*Агенство США по Международному Развитию, Международный Фонд Избирательных Систем и Центр Права и Демократии* имеют честь представить настоящую брошюру, составленную экспертами Центральной Комиссии по Проведению Выборов и Референдумов Республики Таджикистан.

Мы уверены она будет весьма полезна не только для кандидатов в депутаты, представителей различных политических партий, но и для широкого круга читателей, интересующихся вопросами проведения свободных, честных, справедливых и демократических выборов, которые являются гарантом мира и стабильности в Республике Таджикистан.





**Вопрос: В чем необходимость образования в Таджикистане Парламента, состоящего из двух маджлисов или двухпалатного маджлиса?**

**Ответ:** Образование двухпалатного Маджлиса предусмотрено Всеобщим соглашением о мире между таджиками, подписанным 27 июня 1997 года, несмотря на то, что образование профессионального парламента связано с большими финансовыми затратами, Президент страны ради мира и национального согласия одобрил это решение.

**Вопрос: Когда были приняты Конституционные законы Республики Таджикистан "О выборах Маджлиси Оли Республики Таджикистан и "О выборах в местные маджлисы народных депутатов"?**

**Ответ:** Эти законы были приняты на 15-ой Сессии Маджлиси Оли Республики Таджикистан первого созыва 10 декабря 1999 года.

**Вопрос: Разве не противоречат эти законы Конституции Республики Таджикистан?**

**Ответ:** Нет, так как в Конституцию

путем всенародного референдума внесены изменения об образовании двухпалатного маджлиса и о профессиональной основе деятельности нижней палаты Маджлиса Оли - Маджлиси намояндагон.

Здесь же определены полномочия и форма деятельности обоих Маджлисов.

**Вопрос: Каким маджлисом является Маджлиси Оли?**

**Ответ:** Маджлиси Оли Республики Таджикистан состоит из двух Маджлисов - Маджлиси намояндагон и Маджлиси милли. Общее заседание обоих Маджлисов называют Маджлиси Оли.

**Вопрос: Каким маджлисом является Маджлиси намояндагон?**

**Ответ:** Маджлиси намояндагон избирается сроком на 5 лет, состоит из 63 депутатов и действует на профессиональной основе.

**Вопрос: Когда состоятся выборы в Маджлиси намояндагон?**

**Ответ:** Выборы Маджлиси Оли назначаются Президентом Республики Таджикистан. Выборы Маджлиси намояндагон состоятся 27 февраля 2000 года. В этот же день пройдут выборы местных маджлисов народных депутатов.



**Вопрос: Каковы полномочия Маджлиси намояндагон?**

**Ответ:** Маджлиси намояндагон образует Центральную комиссию по выборам и референдумам Республики Таджикистан. Выносит на всенародное обсуждение проекты законов. Утверждает экономические и социальные программы. Дает согласие на получение и выдачу государственных кредитов. Назначает референдум. Образовывает суды. Утверждает государственные символы, государственные награды, указы Президента, определяет воинские звания, дипломатические ранги и др.

**Вопрос: Из чего состоят полномочия Маджлиси милли?**

**Ответ:** Образование, изменение и ликвидация административно-территориальных единиц. Выборы и отзыв председателей и заместителей председателей Конституционного, Высшего и экономического .Судов по представлению Президента. Дача согласия на назначение и отзыв генерального Прокурора и его заместителей.

**Вопрос: В каких случаях Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон проводят**

**совместное собрание?**

**Ответ:** Во время принятия Президентом присяги, его отставки, заслушивания посланий Президента, выступления руководителей иностранных государств. Утверждения указов Президента о введении военного и чрезвычайного положения. Дача согласия на использование Вооруженных Сил Республики Таджикистан за её пределами. Утверждения указов Президента о назначении и освобождении Премьер - Министра и членов Правительства. Установление заработной платы Президенту, решение вопроса о его неприкосновенности и назначение его выборов.

**Вопрос: Каково количество депутатов Маджлиси милли?**

**Ответ:** Маджлиси милли состоит из 33 депутатов, 8 из которых на основе Закона назначает Президент.

**Вопрос: Когда состоятся выборы Маджлиси милли?**

**Ответ:** Выборы Маджлиси милли назначены Президентом страны на 23 марта 2000 года.

**Вопрос: Как избираются депутаты Маджлиси милли?**



**Ответ:** Депутаты Маджлиси милли считаются членами Маджлиси милли. В некоторых странах их называют сенаторами или членами сената. Для члена Маджлиси милли определена территориальная квота. От каждой области по 5 представителей плюс 5 представителей от районов республиканского подчинения и города Душанбе, которых выбирают областные, городские и районные депутаты.

**Вопрос: Какие выборы считаются непосредственными или посредственными?**

**Ответ:** Выборы депутатов в Маджлиси намояндагон являются непосредственными, так как их избирают все лица, имеющие право голоса. Выборы членов Маджлиси милли считаются посредственными, так как их избирают только депутаты местных маджлисов и назначает Президент страны.

**Вопрос: Кто имеет право быть избранным в Маджлиси милли?**

**Ответ:** В Маджлиси милли может быть избрано лицо, имеющее высшее образование, достигшее 35 лет и являющееся последние 7 лет гражданином Таджикистана.

Кроме того, членом Маджлиси милли является каждый бывший Президент страны, если он не откажется от использования этого

права.

**Вопрос: Кто не имеет права быть избранным или назначен депутатом?**

**Ответ:** Члены Правительства, судьи, работники правоохранительных органов, военнослужащие не имеют таких прав. Избранный членом Маджлиси милли не может одновременно являться депутатом Маджлиси намояндагон. Член Маджлиси милли не может быть депутатом более двух представительных органов.

**Вопрос: Каким образом осуществляется деятельность Маджлиси милли?**

**Ответ:** Деятельность Маджлиси милли осуществляется в форме сессий. Сессия Маджлиси милли созывается Председателем Маджлиси милли не менее двух раз в год.

**Вопрос: Как созываются первые Сессии Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон и кто их ведет?**

**Ответ:** Первую Сессию Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон созывает Президент, а открывает старейший по возрасту член или депутат и ведет до избрания председателей этих маджлисов.

**Вопрос: Сессия профессионального Парламента, то есть Маджлиси намояндагон длится в течении всего года?**



**Ответ:** Сессия Маджлиси намояндагон проводится один раз в год, начиная с первого рабочего дня октября и по последний рабочий день июня. В течении остальных трех месяцев члены парламента занимаются другими делами или уходят на каникулы.

**Вопрос: Кто имеет право быть избранным или избирать депутатов в Маджлиси намояндагон?**

**Ответ.** Право избирать имеют граждане, достигшие ко дню выборов 18 лет. Депутатом Маджлиси намояндагон может быть избрано лицо, достигшее 25-летнего возраста, являющееся не менее пяти последних лет гражданином Республики Таджикистан и имеющее высшее образование.

**Вопрос: Кто не имеет право на голосование?**

**Ответ:** Граждане, признанные судом недееспособными или по приговору суда, находящиеся в местах лишения свободы не имеют право участвовать в выборах.

**Вопрос: Кто может выдвигать кандидатов в Маджлиси намояндагон?**

**Ответ:** Необходимо подчеркнуть, что до принятия нового Закона кандидатов в депутаты выдвигали трудовые коллективы.

Теперь с принятием нового Закона о выборах каждый гражданин имеет право выдвигать свою кандидатуру путем самовыдвижения в представительные органы (Маджлиси намояндагон, областные маджлисы, городских и районных маджлисов народных депутатов). Кроме этого, также право выдвижения своих кандидатов имеют политические партии.

**Вопрос: Если Вы хотите стать депутатом, что для этого необходимо сделать?**

**Ответ:** Если Вы хотите стать депутатом путем самовыдвижения, то во-первых должны об этом написать заявление. В нем даете свое согласие баллотироваться кандидатом; в заявлении должно содержаться обязательство кандидата о прекращении им в случае его избрания, не совместимой с мандатом депутата деятельности; также биографические данные кандидата с указанием фамилии, имени, отчества, года рождения, места работы, занимаемой должности (рода занятия) и места жительства; сведения о размерах и об источниках доходов; сведения об имуществе кандидата и другие документы, предусмотренные настоящим Законом;при выдвижении кандидата, выдвинутого



политической партией для их регистрации представляются следующие документы; протокол с постановлением съезда (конференции) политической партии, пленума (конференции) городского и районного органа политической партии о выдвижении кандидата (списка кандидатов); решение местного представительного органа о выдвижении кандидата.

Все эти документы сдаете в соответствующую избирательную комиссию и в результате их уточнения, Вам выдаются подписные листы.

В случае самовыдвижения кандидат должен собрать в свою поддержку не менее 500 подписей (для выдвижения кандидатуры в депутаты Маджлиси намояндагон), а в местные маджлисы - областные, городские и районные по 100 подписей.

Если Вы выдвинуты по партийному списку по одномандатному округу, то подписи собирать ненадо.

В случае обнаружения недостоверных подписей, составляющих в общем свыше трех процентов, кандидату отказывается в регистрации.

**Вопрос: От общего числа, то есть от 63 депутатов Маджлиси намояндагон сколько из**

**них избираются по одномандатным округам и сколько депутатов избираются согласно списка кандидатов в депутаты, выдвинутых политическими партиями?**

**Ответ:** Из 63 депутатов Маджлиси намояндагон 41 избираются по одномандатным округам, а 22 оставшихся избираются по партийным спискам.

**Вопрос: Сколько одномандатных округов образовано в республике?**

**Ответ:** На всей территории республики согласно числу избираемых депутатов образован 41 одномандатный округ.

**Вопрос: Сколько бюллетеней предоставляется избирателям?**

**Ответ:** Для голосования за кандидатов в депутаты Маджлиси намояндагон избирателям предоставляется два бюллетеня. В одном из них пишется название партии, а в другом согласно алфавиту фамилии кандидатов выдвинутых в депутаты по одномандатным округам.

**Вопрос: Разве партийные списки, то есть 22 кандидата в депутаты выдвинутые политическими партиями, тоже пишутся по алфавиту?**

**Ответ:** Нет! Во время составления списка кандидатов по партийным



представлениям порядок их размещения определяется политическими партиями. В пример берется признание авторитета кандидата в депутаты, его опыт работы и другие качества. Порядок составления списка кандидатов определяет председатель партии.

**Вопрос: Кто образует избирательные округа?**

**Ответ:** Окружные избирательные комиссии создаются Центральной комиссии по выборам и проведению референдума и публикуется в печати. Согласно Закону этот процесс должен быть завершен до 17 декабря 1999 года. В соответствии с этим образован один общереспубликанский и 41 одномандатный округа.

**Вопрос: Кто должен образовать окружные комиссии по выборам в Маджлиси намояндагон?**

**Ответ:** Их должна образовать Центральная комиссия по выборам и проведению референдумов до 29 декабря 1999 года. А избирательные участки по выборам депутатов в Маджлиси намояндагон образуются окружной избирательной комиссией до 5 января 2000 года. До 13 января текущего года образуются участковые избирательные комиссии.

**Вопрос: Когда начинается выдвижение кандидатов?**

**Ответ:** Выдвижение кандидатов в депутаты Маджлиси намояндагон по единому общереспубликанскому округу начинается с 11 декабря 1999 года и завершается 12 января 2000 года, а в одномандатных округах выдвижение начинается 29 декабря 1999 года и продолжается до 12 января 2000 года. Выдвижение кандидатов в местные маджлисы соответственно проводится с 8 по 22 января 2000 года.

**Вопрос: Когда начинается регистрация кандидатов?**

**Ответ:** Регистрация кандидатов в депутаты Маджлиси намояндагон начинается с 13 января 2000 года и продолжится до 6 февраля 2000 года.

**Вопрос: Публикуется ли список кандидатов на страницах печати?**

**Ответ:** Да. Список кандидатов от политических партий по единому общереспубликанскому округу публикуется в печати со стороны Центральной комиссии по выборам и референдумам не позднее 7 дней после регистрации. Соответствующая избирательная комиссия по выборам в



течение недели после регистрации кандидатов по одномандатным избирательным округам публикует в печати сообщение об их регистрации. Их общие списки публикуются за 15 дней до выборов.

**Вопрос: Когда участковые избирательные комиссии обеспечиваются бюллетенями голосования?**

**Ответ:** Избирательные бюллетени выдаются участковым комиссиям не позднее двух дней до выборов.

**Вопрос: Сколько членов комиссии и сколько работников имеет Центральная комиссия по выборам и проведению референдумов?**

**Ответ:** Центральная комиссия по выборам и проведению референдумов сформировано из Председателя, заместителя и 13 членов. Из этого числа, только Председатель комиссии получает зарплату, остальные члены комиссии и заместитель председателя работают на общественных началах. Его аппарат состоит всего из 4 специалистов. Почти 30 процентов от общего числа членов комиссии составляют представители оппозиции.

**Вопрос: Есть ли представители оппозиции в окружных и участковых избирательных**

комиссиях?

**Ответ:** Да! Согласно договоренности между Э.Ш. Рахмоновым и Саидом Абдулло Нури сейчас более 20 процентов членов окружных и участковых избирательных комиссий составляют представители оппозиции.

**Вопрос: Создаются ли комиссии для выборов в члены Маджлиси милли?**

**Ответ:** Как было отмечено выше республика условно разделена на 5 частей, согласно которому в Горно-Бадахшанской автономной области, областей республики, города Душанбе, районов республиканского подчинения образовано 5 округов. Их комиссии состоят из председателя, заместителя председателя, секретаря и восьми членов комиссии.

**Вопрос: Как образуются избирательные комиссии по выборам в Маджлиси намояндагон?**

**Ответ:** Эти избирательные комиссии состоят из председателя, заместителя председателя, секретаря и не менее шести членов комиссии.

**Вопрос: Из скольких человек состоят участковые избирательные комиссии?**

**Ответ:** Эти комиссии образуются



только во время выборов в Маджлиси намояндагон и местные маджлисы за 45 дней до выборов в составе 5 и не более 19 человек.

**Вопрос: Кто может стать членом избирательной комиссии?**

**Ответ**: Все граждане имеют право быть членами избирательных комиссии, кроме кандидатов в члены Маджлиси милли и кандидатов в депутаты Маджлиси намояндагон, а также судей, прокуроров, работников правоохранительных органов, доверенных лиц кандидатов. Одно и то же лицо может быть членом только одной избирательной комиссии.

**Вопрос: Освобождаются ли члены избирательных комиссий в период подготовки проведения выборов от выполнения своих обязанностей?**

**Ответ:** Да! В этом случае им сохраняется средняя заработная плата за счет средств, выделяемых на проведение выборов.

**Вопрос: Могут ли быть обжалованы в Суде неправомочные решения избирательных комиссий?**

**Ответ:** Обязательно! Решения избирательных комиссий могут быть обжалованы в Суде или вышестоящих избирательных комиссий в течении десяти

дней после принятия решения.

**Вопрос: Какое количество избирателей необходимо для образования избирательных округов и участков?**

**Ответ:** Избирательные участки образуются в местностях с числом не менее 20 и не более 3000 избирателей.

Избирательные округа образуются в границе 70 тысяч избирателей от общего их числа.

**Вопрос: Образуются ли избирательные участки для тех избирателей, которые находятся за пределами нашей страны?**

**Ответ:** Да! Избирательные участки могут быть образованы в иностранных государствах. Эти участки образуются Центральной комиссией по выборам и проведению референдумов и подчиняются одному из избирательных округов города Душанбе.

**Вопрос: Имеют ли право профессиональные деятели религиозных организаций быть кандидатами в депутаты?**

**Ответ:** Если религиозные деятели находятся на профессиональных должностях религиозных объединений, то они не могут быть кандидатами в депутаты.

**Вопрос: Имеют ли какие-нибудь права и льготы зарегистрированные кандидаты в депутаты?**

**Ответ:** Зарегистрированные кандидаты пишут заявление на имя администрации организации об их освобождении с работы. В таких случаях за ними сохраняется их средняя заработная плата за счет организации независимо от форм собственности. Могут бесплатно пользоваться городским транспортом (кроме такси). Во время проведения выборов кандидаты в депутаты не могут быть освобождены от занимаемой должности без их согласия. Кандидат не может быть привлечен к уголовной ответственности, арестован. Этот вопрос должен решаться только с согласия Центральной комиссии по выборам и референдумам. Он может быть привлечен к ответственности только в случае, если задержан при совершении преступления.

**Вопрос: Как должны вести предвыборную агитацию кандидаты в депутаты?**

**Ответ:** Все кандидаты на основе равных условий могут выступать по радио, телевидению и в печати со своими предвыборными программами. Их программы не должны противоречить Конституции Республики Таджикистан.

**Вопрос: Сколько доверенных лиц могут иметь кандидаты в депутаты?**

**Ответ:** Кандидаты вправе иметь 5 доверенных лиц, а политические партии, представившие списки кандидатов, до 15 доверенных лиц.

**Вопрос: Могут ли участвовать при подсчете голосов избирателей доверенные лица?**

**Ответ:** Да! Они имеют такие права, но не вправе вмешиваться в работу избирательных комиссий.

**Вопрос: Может ли член избирательной комиссии участвовать в предвыборной агитации?**

**Ответ:** В предвыборной агитации не могут участвовать члены избирательных комиссий, религиозные объединения, судьи, а также работники правоохранительных органов и военнослужащие. Не допускается участие в предвыборной агитации иностранных государств и их представителей, лиц не имеющих гражданства.

**Вопрос: Как зачеркиваются бюллетени?**

**Ответ:** В бюллетенях одномандатных округов пишутся имена двоих или более кандидатов. Оставляете то имя, за кого



голосуете, остальных вычеркиваете. Также и с партийными списками: вычеркиваете все партии кроме той за которую голосуете.

**Вопрос: В каких случаях можно голосовать за других?**

**Ответ:** Каждый гражданин должен лично участвовать в голосовании на выборах. Законом запрещено голосовать за других лиц. Избиратель, не имеющий возможности самостоятельно заполнить бюллетень, вправе пригласить по своему усмотрению, наблюдателей, представителей средств массовой информации кроме лиц, входящих в состав избирательных комиссий, и этот человек должен помогать ему в голосовании. Выборы проводятся с 6 до 20 часов . Если отдельные избиратели по состоянию здоровья не могут прибыть в помещение для голосования, участковая избирательная комиссия организует голосование в местах пребывания этих избирателей.

**Вопрос: Каков порядок подсчета бюллетеней?**

**Ответ:** Подсчет бюллетеней голосов производится сразу же после завершения голосования. Перед вскрытием ящиков для голосования члены участковой (окружной) избирательной комиссии в присутствии

наблюдателей погашают неиспользованные избирательные бюллетени. Погашение неиспользованных избирательных бюллетеней осуществляется путем надрезания нижнего правого угла бюллетеня. В это время кроме председателя и секретаря никто не имеет право держать в руке пишущий инструмент. Бюллетени, в которых оставлены более чем одна кандидатура или более чем одна партия или же все не зачеркнуты признаются недействительными. Протокол об итогах голосования заполняется в двух экземплярах. Один из них направляется в вышестоящую избирательную комиссию, а второй экземпляр хранится у секретаря комиссии до окончания работы комиссии.

**Вопрос: Какой кандидат считается избранным?**

**Ответ:** Избиранными по одномандатным округам признаются кандидаты, получившие более 50 процентов голосов от общего числа участвовавших при голосовании.

**Вопрос: Как происходит распределение депутатских мандатов по партийним спискам?**

**Ответ:** Если партия не смогла набрать 5 процентов голосов избирателей, то она не



может претендовать на получение депутатских мандатов.

Центральная комиссия по выборам и проведению референдумов подсчитывает сумму голосов избирателей, поданных по единому общереспубликанскому избирательному округу за политические партии и эта сумма голосов избирателей делится на 22 (партийная квота). Полученный результат считается депутатскими мандатами, которые получили та или иная партия. Если после этого останутся нераспреденные мандаты, то они распределяются вторично. Нераспределенные мандаты передаются по одному тем политическим партиям, у которых оказывается наибольший остаток голосов.

**Вопрос: Когда будут опубликованы в печати окончательные результаты по выборам в Маджлиси намояндагон?**

**Ответ:** Результаты выборов и список избранных депутатов опубликуются в печати не позднее 12 марта 2000 года.

**Вопрос: В каких случаях проводятся повторные выборы?**

**Ответ:** Если по одномандатному избирательному округу баллотировалось более двух кандидатов в депутаты и ни один

из них не собрал необходимое число голосов, по решению окружной избирательной комиссии через два месяца проводятся повторные выборы.

**Вопрос: Как утверждаются полномочия избранных депутатов?**

**Ответ:** Окружная избирательная комиссия после опубликования в печати списка депутатов зарегистрированных Центральной комиссией по выборам и проведению референдумов, выдает каждому избранному депутату удостоверение об его избрании. После утверждения Центральной комиссией по выборам и проведению референдумов полномочий избранных членов Маджлиси милли и депутатов Маджлиси намояндагон, указанная комиссия выдает им удостоверение члена Маджлиси милли и депутата Маджлиси намояндагон .

**Вопрос: В каких случаях возможен самороспуск Маджлиси Оли?**

**Ответ:** На основании Конституции Республики Таджикистан Маджлиси Оли может досрочно самораспуститься с согласия не менее двух третей своих членов и депутатов. Необходимо отметить, что самороспуск не пойдет во благо народа и прогресса в обществе, так как будет связан с



дополнительными расходами, лишним беспокойством и переживаниями других людей.

**Вопрос: Что Вы ожидаете от нового Маджлиси Оли?**

**Ответ:** Как гражданин республики верую и убежден, что те ростки демократии, которые взошли на любимой нами таджикской земле вскоре превратит нашу республику в цветущий сад и наш народ, пользуясь его плодами, внесет весомый вклад в построении демократического, светсткого и правового государства.